# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА–035 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос**

**Парвандаи аттестатсионии № 2**

**Қарори шурои диссертатсионӣ** аз 2-юми майи соли 2024, № 10,

Дар бораи сазовор донистани Яқубшоев Афруз Хубоншоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ).

Диссертатсияи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзуи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991- 2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) санаи 11-уми январи соли 2024 (суратмаҷлиси № 4) дар шурои диссертатсионии 6D.КОА–035 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 114/шд аз 19.05.2023 с.) ба ҳимоя қабул шуд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Яқубшоев Афруз Хубоншоевич соли 1988 дар ноҳияи Шуғнон таваллуд шудааст. Соли 2012 факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи Моёншоҳ Назаршоевро бо ихтисоси таърих ва ҳуқуқ ва соли 2015 магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бомуваффақият хатм намудааст. Дар замони таҳияи рисолаи илмӣ Яқубшоев Афруз Хубоншоевич докторанти фалсафа (PhD)-и кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (2015-2018) буда, аз соли 2013 инҷониб ба ҳайси муаллими калони кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Расулиён Қаҳҳор Расул - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

Набизода Ваххоб Машраб - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии шаҳри Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров»;

Таваров Муҳамадуллоҳ Султонович - номзади илмҳои таърих, мудири шуъбаи ахбори нашриёти расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзномаи «Ҷумҳурият» ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар**: МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» дар тақризи мусбати таҳиякардаи номзади илмҳои таърих, дотсент Шарофуддинов С.С., ки дар маҷлиси кафедра (28.03.2024) таҳти роҳбарии мудири кафедра – Мамадазимова Майрам Муҳиддиновна баррасӣ ва бо имзои ректори Донишкадаи мазкур - доктори илмҳои филологӣ, профессор Низомӣ М.З. тасдиқ шудаст (28.03.2024), зикр менамояд, ки диссертатсияи Яқубшоев Афруз Хубоншоевич дар мавзӯи «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991- 2016)» таҳқиқоти илмии арзанда, наву тоза буда, диссертант бо фарогирии тамоми масъалаҳо ва ҷанбаҳои марбут ба мавзӯи таҳқиқот, натиҷагирӣ ва пешниҳоди тавсияҳои илмӣ аз уҳдаи ҳаллу фасли вазифа ва ҳадафҳои дар диссертатсия гузоштааш ба хубӣ баромадааст. Диссертатсия бо назардошти арзиши илмӣ, мубрамӣ, фарогирии масоили таҳқиқот, хулоса, тавсияҳои илмӣ ва сифати вироиш ба меъёрҳои банди 31, 32, 33, 34, 35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267) ҷавобгӯ буда, диссертант Яқубшоев Афруз Хубоншоевич сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) мебошад.

Муаллиф мазмуни асосии рисоларо дар 11 мақолаи илмӣ интишор кардааст. Дар ин радиф 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расиданд. Дар интишороти диссертант нуқтаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсия инъикос шуда, саҳми шахсии муаллиф собит мегардад.

**Интишороти мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М] **Яқубшоев А.Х.** “Парасту”- зодаи Истиқлолият / **А. Х. Яқубшоев** // Паёми донишгоҳимиллииТоҷикистон. - № 3/5. - Душанбе, 2017. - С. 153-159.

[2-M] **Якубшоев А. Х.** Театральное искусство суверенного Таджикистана и вклад театров в развитие общей культуры населения / **А. Х. Якубшоев** // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.- № 2. - Душанбе , 2018. - С. 73-80.

[3-M] **Якубшоев А.Х.** Санъати синамои тоҷик дар солҳои истиқлолият ва тамоюли рушди он / **А. Х. Якубшоев** // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. - № 8 - Душанбе, 2019. - С. 212-216.

[4-M] **Якубшоев А.** Х. Театральное искусство в Республике Таджикистан: прошлое и настоящее развитие / **А. Х. Якубшоев** // Вестник науки. - № 12(57) - Тольятти, 2022. - С.576-589.

[5-M] **Якубшоев А.** Х. Нақши фестивал-озмуни “Дидор” дар густариши ҳунари синамои тоҷик / **А. Х Якубшоев //** Паёми Донишгоҳи забонҳо. - № 2 (50). –Душанбе, 2023. - С. 278-282.

[6-M] **Якубшоев А. Х., Расулиён Қ.Р.** Возрастание роли театрального искусство в современном обществе / **А. Х Якубшоев, Қ.Р. Расулиён** // Паёми Донишгоҳи забонҳо. - № 4 (52). - Душанбе, 2023. - С. 268-275.

**Интишороти мқолаҳо дар дигар нашрияҳо**

[7-M] **Якубшоев А. Х.** Фарҳанги миллӣ зинатбахши ҷаҳон аст / **А. Х. Якубшоев** // Тоҷикистон.- № 7. - 2015. - С. 17-22.

[8-M] **Якубшоев А. Х.** Нақши Фестивал - озмунҳо дар пешрафти санъати саҳнавӣ / **А. Х. Якубшоев** // Тоҷикистон - № 10. - 2016. - С.16-21

[9-M] **Якубшоев А. Х.** Развитие театрального искусство в годы независимости Республики Таджикистана. / **А. Х. Якубшоев** // Паёми Донишкадаи забонҳо. - № 2-3 (26-27). - Душанбе, 2017. – С. 82-90.

[10-M] **Якубшоев А. Х.** Муносибати синамогарони тоҷик бо синамогарони кишварҳои хориҷа. / **А. Х. Якубшоев** // Паёми Донишкадаи забонҳо. - № 2-3 (26-27). - Душанбе, 2017. – С. 82-90.

[11-M] **Якубшоев А. Х.** Саҳми театрҳои касби дар рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон / **А. Х. Якубшоев** // Паёмномаи фарҳанг. - № 3. - 2018. - С.52-56.

**Ба автореферати диссертатсия чор тақриз ба шурои диссертатсионӣ ирсол шудааст:**

1. **Карамалишоев Карамалишо** – муовини ректор оид ба илм ва иноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои таърих, дотсент. Тақриз мусбат, ду эрод зикр шудааст:

- Хуб мешуд, ки муаллифи диссертатсия ҳангоми номбар кардани намояндагони машҳури санъати мусиқӣ номи онҳоро аз рӯйи саҳмашон дар ин самт ҷойгир мекард. Ҳамзамон, номҳои оҳангсози машҳур Толиб Шаҳидӣ ва Адҳам Холиқов, ки шуҳрати ҷаҳонӣ доранд, дар автореферат инъикос нагардидаанд;

- Дар автореферати рисола, бавижа дар номгӯйи мақолаҳои муаллиф (саҳ. 34), баъзе хатоҳои имлой ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

2. **Гадоев Ғозӣ** – номзади илмҳои таърих, кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тақриз мусбат, эрод надорад.

3. **Абдураҳмонов Зевар Вафоназрович** – номзади илмҳои таърих, дотсент, кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии тибии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино. Тақриз мусбат, эрод надорад.

4. **Крунко И.В.** - доктори фалсафа (PhD) дар соҳаи илмҳои таърих, сарвари шуъбаи равобити хориҷии Маркази байналмилалии наздикшавии фарҳангҳо таҳти сарпарастии ЮНЕСКО (воқеъ дар Ҷумҳурии Қазоқистон). Тақриз мусбат, эрод надорад.

Муқарризон дар асоси баррасии автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварии кор ва дастовардҳои илмии унвонҷӯро таъкид намуда, муаллифи рисоларо барои дарёфти дараҷаи илми доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ сазовор донистаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок карда мешавад, ки аз рӯйи ихтисоси 6D020301 - Таърихи ватанӣ ва доир ба масъалаҳои гуногуни таърихи вазъи санъати саҳнавӣ ва театрҳои касбии Тоҷикистон дар даврони истиқлол дар сатҳи зарурӣ таҳқиқоти илмиро анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамоянд,** ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ бар асоси интихоби дурусту баррасии амиқи адабиёти илмӣ ва бойгонии театрҳо дар таҳқиқоти диссертатсионӣ чунин масоил **коркард карда шуд**:

– дар асоси таҳлилу баррасӣ нишон додани зарурати ҳамаҷониба мусоидат намудан ба раванди амалӣ гаштани лоиҳаҳои маблағгузории пешниҳодшудаи театрҳо ва ҷалби маблағҳои хориҷӣ;

– оид ба фестивал-озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ барои такмили маҳорати касбию эҷодии ҳайати кормандони театрҳои касбӣ **пешниҳод шудааст;**

– масъалаи ба қадри лозима дастгирӣ наёфтани сафарҳои ҳунарии театрҳо ба шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ аз ҷониби аҳли ҷомеа ва масъулини мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мавриди **баррасӣ қарор гирифта,** андешаҳои илмӣ-интиқодӣ ва натиҷагирии муаллиф **исбот шудааст;**

– мусоидат намудани сафарҳои ҳунарии театрҳои ҷумҳурӣ чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷи кишвар барои муаррифӣ намудани фарҳанг, таърих ва тамаддуни халқи тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ **таҳлилу баррасӣ гардидаанд;**

– **ҷорӣ намудани** асосҳои назарияви таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба таърихи санъати саҳнавӣ дар даврони истиқлолият дар самти тайёр намудани мутахассисони илмӣ–педагогии соҳаи таърих.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки** натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои он метавонанд аз тарафи созмону идораҳои дахлдори давлатӣ дар омода сохтани нақшаи дурнамои тараққиёти соҳаи фарҳанги кишвар, бахусус, муассисаҳои соҳаи фарҳанг истифода шаванд.

Мавод, мазмуни асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар раванди офаридани асарҳои ҷамъбастӣ оид ба таърихи навини ватанӣ ва таърихи маорифи кишвар метавонанд мавриди истифода қарор дода шаванд.

Дар диссертатсия тарзу усул ва равишҳои таҳқиқи таърихӣ–муқоисавӣ, методҳои маъмули мушоҳида ва муқоиса, назари объективӣ ва усули идроки илмиро ҳамчун таҷзия ва синтез, хулосабарорӣ, тасвири синхронӣ ва ғайра **истифода шуданд.**

– диссертант Яқубшоев Афруз Хубоншоевич бо истифода аз адабиёт ва маводи зарурӣ кулли масъалаҳои ба амаломадаи саъати саҳнавиро **баён намудааст;**

ҳангоми таҳқиқот мушкилот ва норасоиҳо дар рафти амалисозии ислоҳот ва рушди соҳа ва пешомадҳои дигар **ошкор гардиданд;**

масъалаҳои инкишофи жанри таърихӣ, равнақу ривоҷи санъати синамо ва мусиқӣ ва муайян кардани нақши онҳо дар тарбияи фарҳангии шаҳрвандон **омӯхта шуданд.**

**аз нав такмил додани** сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳамкориҳои фарҳангӣ бо кишварҳои ҷаҳон аз самтҳои афзалиятноки маҳсуб меёбад.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ мешавад,** ки маълумотҳои рисолаи мазкур, далелу воқеаҳое, ки дар он тасвир шудаанд, дар таҳияи лексияҳои курсҳои махсус, дастурҳои илмию методӣ, оид ба таърихи ватанӣ дар мактабҳои олӣ, дар корҳои илмиву таълимӣ, маърифатӣ ва амалӣ–тарбиявии ҷавонон, ки бахусус дар муассисаҳои фарҳангӣ ва театрҳои касбӣ фаъолият мекунанд, **коркард ва ҷорӣ карда шуданд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд,** ки диссертатсия оиди «Таърихи санъати саҳнавӣ, мусиқӣ ва синамои Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият (1991- 2016)» таҳқиқоти илмии аз лиҳози дақиқияти маълумот, ҳаҷми он, натиҷагирӣ аз омӯзиш ва таҳқиқот, пешниҳоди тавсияҳои илмӣ мукаммал буда, муаллиф аз уҳдаи ҳаллу фасли вазифа ва ҳадафҳои дар диссертатсия гузоштааш ба хубӣ баромадааст.

**Ғояи асосӣ** дар хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ **асосонок карда шудаанд**.

Муаллиф дар рисолаи худ ба ҷиҳатҳои алоҳидаи соҳа таваҷҷуҳ намуда, аз ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, матбуоти даврӣ, шартномаҳои ҳукуматӣ, созмонҳо ва фондҳои гуногун **истифода намуда,** рушди фарҳангро таҳлил намудааст. Дар рисолаи мазкур ба раванди амалисозӣ ва натиҷаҳои ислоҳот дар соҳаҳои фарҳанг таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардидааст.

Дар рисола аз маводҳои илмии гуногун васеъ истифода шудааст ва мувофиқатии аксари натиҷаҳои муаллифӣ бо далелҳои пешина **муайян шудаанд.**

Ҳангоми бурдани корҳои таҳқиқотӣ аз методикаи муосири ҷамъоварии маълумот ва коркарди он **истифода карда шуд**. Аз ҷумла, истифода аз сомонаҳои муассисаҳои фарҳангӣ, фондҳои бойгонӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти соҳаҳо, нусхабардории электронӣ, дар ҷузвдонҳои электронӣ ҷойгир кардани маълумот ва амсоли инҳо.

**Саҳми шахсии довбаталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он аст, ки вазъияти умумии санъати саҳнавӣ бахусус театр, мусиқӣ, синаморо мавриди омӯзиши амиқ қарор дода, ҳолати рушди санъати театр, мусиқӣ, синаморо таҳлил кардааст. Таъсири вижагиҳои онҳоро ба муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва вазъи санъати саҳнавӣ дар даврони истиқлолият нишон дода, мушкилоти ҷойдоштаро дар пешрафти санъати саҳнавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият таҳлил намудааст.

Дар мақолаҳои интишоркардаи муаллиф маълумотҳои таҷрибавӣ роҳандозӣ шуда, шарҳу тафсири худро ёфтанд. Ҳамчунин дар

чорабиниҳои илмии сатҳи гуногун дар дохил ва хориҷи мамалакат далелҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқот муаррифи карда шудаанд.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки рисолаи Якубшоев Афруз Хубоншоевич ба унвони таҳқиқоти комили илмӣ ба талаботи банди 2 ва зербобҳои 67 ва 69-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент ва профессор)”-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 30 июни соли 2021, №267) комилан мувофиқат менамояд.

Дар маҷлиси 2 майи соли 2024 шурои диссертатсионӣ доир ба сазовор донистани Якубшоев Афруз Хубоншоевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ) қарор қабул намуд.

Ҳангоми баргузории овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 12 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 4 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ). Аз 12 нафар аъзои шуро овоз доданд: тарафдор - 12 нафар, муқобил - нест , бюллетенҳои беэътибор – нест

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих, профессор** **Саидов А.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Иброҳимов М.Ф.**

**02. 05.2024**